# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи "Ташаккули мавкеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи "Ташаккули мавкеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ва бандҳои 3,4 –шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 мувофиқат мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Нуралиев Мансур Исматуллоевич яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки тайёр ва омода намудани омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар замони муосир ва ташаккули мавқеи акмеологии онҳо мебошад.

Аз ин нуктаи назар, унвонҷӯй мавзуи бисёр муҳиммро барои таҳқиқ интихоб кард, хеле дуруст таъкид менамояд, ки яке аз вазифаи асосии низоми омода намудани донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи коллеҷҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ ин ташаккул додани мавкеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ба ҳисоб меравад. Зеро мавкеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар қатори сифатҳои муҳимму асосии шахсият дохил буда, сатҳу дараҷаи фарҳанг ва рушду густариши онро тавсиф мекунад. Масъалаи мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, набояд танҳо мавқеи омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, балки донишхо роҷеъ ба малакаву маҳорати таҷрибаомӯзиро дар назар дошта бошад.

Аз ин рӯ, мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудаи довталаб Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар шароити муосир саривақтӣ ва дорои аҳаммияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замон тавсияҳои илмӣ–амалие,

ки барои ташаккули мавкеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ заруранд бояд дар чараёни тачрибаи педагогӣ ҳосил гардад. Вобаста ба ин, дар ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ нақши асосиро муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебозад.

Вокеан, ҳадафи тачрибаомӯзии педагогӣ аз ташаккули маҳорати касбии донишчӯён иборат буда, вазифаҳои зерин аз кабили:

- амиқ ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ;
- инкишоф додани худомӯзии педагогӣ;
- тарбия ва устувор намудани шавку ҳавас ба касби омӯзгорӣ;
- тарбия ва ташаккули хислатҳои шахсӣ-касбии омӯзгорони оянда;
- ташаккул ва рушди малакаҳои касбӣ;
- омӯзиши тачрибаомӯзии корӣ оид ба ихтисос дар мактаб;
- ташаккули муносибати эчодӣ-тахкикотӣ ба фаъолияти педагогиро ичро намуда, дар ташаккули мавкеи акмеологии донишчӯён заруранд, ки ин муҳимияти мавзуи мазкурро нишон медиҳад.

Унвончӯ зимни ичрои вазифаҳои таҳқиқот корҳои зеринро анчом додааст. Аз чумла, муҳити таълимие, ки барои ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти тачрибаомӯзии педагогӣ заруранд, омӯхта, самаранокии онро нишон додааст. Ва амсилаи ташаккули мавқеи акмеологии донишчӯёнро мураттаб намуда, сатҳи ташаккул ва низоми шароитҳои педагогии онҳоро муайян кардааст.

Мавсуф ҳамчунин натичаи маълумоти дар рафти корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ ба дастовардаашро таҳлил ва бо тавсияҳои судманд манзури донишчӯён-омӯзгорони оянда кардааст.

Дар баробари ин, довталаб бо гузаронидани озмоишҳои педагогӣ мавкеи акмеологии донишчӯёнро ҳамчун омили муҳимми рушди шахсӣ ва касбии онҳо муайян намуда, ба навгонии илмии зерин дастёб шудааст:

- шароитҳои педагогие, ки боиси рушди мавкеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти тачрибаомӯзии педагогӣ мегарданд, ошкор ва аз чиҳати назариявӣ асоснок кардааст;
- амсилаи тачрибаомӯзии педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда имкон медиҳад, таҳия ва мавриди амал қарор додааст;

- самаранокии раванди ташаккули мавкеи акмеологии омӯзгорони ояндаро дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ тавассути корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муайян намудааст;

- консепсияҳои муосири ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаро ба фаъолияти касбӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳлил намудааст;

- оид ба ба ташаккулу таҳаввули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ тавсияҳои илмӣ-методии асоснок пешниҳод кардааст.

Бинобар ин, таҳқиқоти довталаб мубрам, саривақтӣ ва ба ташаккули мавкеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди тачрибаомӯзии педагогӣ мусоидаткунанда мебошад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар шарҳу муайяннамоии мавкеи акмеологии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар заминаи муносиби таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ; дар муҳити таълимии фаъолияти касбӣ, моҳият, мазмун ва ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун омили ташаккули амалияи фаъолияти касбии омӯзгорони оянда ифода меёбад.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро ғояҳо ва хулосаҳои таҳқикот, пешниҳоди тавсияхои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ташкил дода, тавсияҳои мазкурро метавонанд таҳқикотчиёни масъалаи омодагии касбии омӯзгорони оянда, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар мавриди баргузории таҷрибаомӯзии педагогӣ ва омӯзгорону мушовирони муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ҳангоми ташкили таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони оянда истифода намоянд.

Таҳқикоти диссертатсионии унвонҷӯ тамоюли таҳсилоти муосир самти болоравии ибтидоии субъектӣ-эҷодӣ дар фаъолияти касбию педагогӣ ва сатҳи баланди рушди мавқеи акмеологии омӯзгорро таъмин менамояд. Зеро дар таҳқиқот мақсади асосӣ - шароити педагогии аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз ҷиҳати озмоиш санҷидашуда, ки ба ташаккули мавкеи акмеологии омӯзгори оянда дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ мусоидат мекунад ба даст омадааст.

Унвонҷӯ дар анҷоми тахкикот тавсияҳои зеринро пешниҳод кардааст:

1). Мавкеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ натиҷа ва самараи рушди шахсӣ  ва касбии донишҷӯ-омӯзгори оянда буда, он бояд ба худ мубрамсозии субъект, ба натиҷа ва дастовардҳои баланди педагогӣ, густариши шахсият, неруи зеҳнӣ, рушди минбаъдаи инсон ва ташаккули сифатҳои шахсӣ-педагогӣ нигаронида шавад.

2). Мазмун ва муҳтавои мавкеи акмеологии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд аз қисмҳои таркибии зерин: ҳиссӣ-арзишӣ, ангезавӣ-фазилатӣ (рефлексивӣ) – баҳодиҳӣ, маърифатӣ, иртиботӣ иборат бошад. Унсурҳои мазкур, дар навбати худ, бояд ба ҳайси стратегияи ҳалли вазифаҳои касбӣ дар таҳсилот, ҳамчун алокамандии мутакобилаи байнифаъолияти касбӣ-педагогии омӯзгор ва омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии муосир гурӯҳбандӣ карда шаванд.

3). Функсияҳои мазкур имкон медиҳанд вазифаҳои гурӯҳҳоро ҷудо намоем, ки ба ташаккули унсури умумикасбии омӯзгор, ки дар рушди мавкеи акмеологӣ заруранд:ташкил намудани самти фардии таълимии хонанда; муҳайё намудани шароит барои комёбшавии хонанда ба ҳадафҳои таҳсилот; барқарор намудани ҳамкорӣ бо субъектҳои дигари ҷараёни таълим; барпо кардан ва истифода намудани муҳити таълимӣ; ба лоиҳакашӣ ва татбиқ намудани худтаълимгирӣ мусоидат менамоянд.

4). Дар ҷараёни рушди мавкеи акмеологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ зарур аст, ки шароитҳои педагогии зерин: омӯзишу ҳамгироии силсилаи фанҳои психологӣ-педагогӣ; силсилаи фанҳои методӣ, таҷрибаомӯзии педагогӣ ва психологӣ-педагогӣ; ангезаҳои баланди комёбшавӣ ва ташаббуси донишҷӯ барои такмили сифатҳои шахсӣ ва маҳорати касбӣ, ки ба рушди мавкеи акмеологии онҳо ҳаматарафа мусоидат мекунанд, ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шаванд. Шароитҳои педагогии мазкур сифати аз ҷиҳати касбӣ омода намудани омӯзгорониояндаро таъмин намуда, ба майли худтатбиқкунӣ дар касб ва кобилият, ба талаботи азнавкардани донишу маҳорат, худамалисозии эҷодӣ ва рӯоварӣ ба комёбиҳои баланди касбӣ мусоидат мекунанд.

5). Таҷрибаомӯзии педагогӣ бояд асос ва бунёди рушди мавкеи акмеологии донишҷӯён-омӯзгорони оянда, мазмуни маълумоти касбии педагогӣ ва вазифаҳои асосии касбиро муайян намуда, маҳорати касбӣ ва сифатҳои шахсии омӯзгори ояндаро ташаккул ва рушд диҳад.

6). Бо рушди мавкеи акмеологии омӯзгорони оянда амсилаи таҷрибаомӯзии педагогии коркард ва пешниҳодкардаи мо ва истифода аз он низоми худинкишофдиҳии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро барои амсиласозии имкониятҳои касбии худ таъмин месозад.

7). Барномаҳои тайёрии касбии омӯзгорони оянда бояд ба таҷрибаомӯзии шахсии субъективии хонандагон ва ба ақидаҳои ибтидоии онҳо дар бораи фаъолияти педагогӣ нигаронида шуда, таҷрибаомӯзии худи донишҷӯёнро ба назар гиранд.

8). Таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун мактаби маҳорати амалии донишҷӯён-омӯзгорони оянда бояд сохторҳои амалиётӣ ва таҷрибаомӯзии касбии педагогиро сайкал дода, маҳорати педагогии донишҷӯёнро мунтазам ташаккул ва рушд диҳад. Амалияи педагогӣ ҳамчун намуди махсуси фаъолият аз донишҷӯён талаб менамояд, ки таҷрибаи инфиродии дар дарсҳои назариявӣ ва амалӣ андӯхтаашонро дар амал татбиқ намоянд, дониш ва малакаҳои касбиро муттаҳид созанд, ки ба ташаккули мавкеи акмеологӣ бештар мусоидат кунад.

9). Сифатҳои шахсӣ ва маҳорати касбӣ ба ҳавасмандгардонӣ ҳамчун дастовардҳои касбӣ бояд ҷузъи асосии фаъолияти касбии омӯзгори оянда бошад. Ин малакаҳоро барои ба мақсадҳои амалӣ бо самаранокии баланд истифода бурдан, алгоритмҳо ва усулҳои нави ҳалли масъалаҳои касбиро аз худ кардан лозим аст. Мавкеи ташаккулёфтаи акмеологӣ бояд омили муайянкунандаи баланд бардоштани сифати тайёрии касбии омӯзгорони оянда бошад.

Таҳқиқоти мазкур бо нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар солҳои 2019-2023 робитаи бевосита дошта, бо мақсади мусоидат дар амалисозии Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2021-2023-и Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 коркард шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ҷаласаҳои кафедраҳои педагогика, психология, дар Шӯроҳои илмӣ-методии муассисаи таълимии номбурда мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Муқарраротии асосии кори диссертатсионӣ ҳамчунин дар интишороти муаллиф тавассути нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои

илмӣ ва ироаи маърӯзаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: конференсияҳо, семинарҳо ва мизҳои мудаввар тасдиқи худро ёфтаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, мазмуни рисола дар 175 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст.

Дастовардҳои диссертатсия, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои он, аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, ҷадвалу диаграмма таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқарраротн Дастурамал оммафаҳм буда, забони он ба меъёри забонӣ мутобиқат мекунад. Тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ пурра риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман рисола хулосаҳои возеху равшан бароварда шудааст.

Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Сарфи назар аз дастовардҳои муҳаққиқ дар ҷодаи тадқиқоти илмӣ дар диссертатсия ва автореферати он камбудиҳо ба назар мерасанд, ки баёни онҳо ҳеҷ гоҳ ба арзиши илмии рисола таъсир намерасонад ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Масалан:

1. Хуб мешуд, агар унвонҷӯ дар диссертатсия аз фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар самти таҷрибаомӯзии педагогӣ маълумоти бештар пешниҳод мекард.

2. Беҳтар мебуд, агар муҳаққиқ маълумоти ҷадвалу диаграммаҳоро возеҳтар нишон медод.

3. Ба мақсад мувофиқ аст агар, унвонҷӯ ғалатҳои имлоиву услубии диссертатсия ва авторефератро ислоҳ намояд. .

## ХУЛОСА

Рисолаи илмии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи "Ташаккули мавкеи акмеологии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст илман асоснок гардида, тарз, усул ва воситаҳои эътимоднокӣ, пешниҳоду тавсияҳо аз ҷиҳати илмию методӣ асоси худро ёфтаанд.

Рисолаи илмӣ бо забони нобн тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия пурра риоя ва ҷобаҷогузории қисмҳои он мувофиқи мақсад аст.

Пас аз ҷамъбасти ҳар як боб хулосаҳои амиқ бароварда шудаанд, ки ҷавобгӯйи талаботанд.

Ҳаҷми рисолаи илмӣ тибқи меъёри муайяншуда буда, автореферат мазмуни асосӣ ва мундариҷаи диссертатсияро ифода мекунад.

Дар интиҳои рисолаи илмӣ тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ манзури омӯзгорон гардонида шудааст.

Дессертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқат карда, муаллифи он Нуралиев Мансур Исматуллоевич ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Мукарризи расмӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Гулзода Н.А.

**Маълумот барои тамос:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 888846363; +992907773610; E-mail: dddangara_2013@mail.ru, dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj

06.03.2024 с.

*Имзои ГулзодароН.А. тасдиқ мекунам.*

*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара* *Тоирзода С*

ШУЪБАИ КАДРҲО